Тақриз ба автореферати диссертатсия Холматова Хуршеда Айюбҷоновна тахти унвони “ **Инъикоси консепти “бойигарӣ”- “қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Забоншиносии когнитивӣ яке аз соҳаҳои ҷолибтарин ва баҳсноки забоншиносӣ мебошад ва равандҳои равонӣ ва инъикоси забонии онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон меомӯзад. Рисолаи илмии Холматова Хуршеда Айюбҷоновна ба таҳлили яке аз ҷанбаҳои тадқиқотӣ дар забоншиносии когнитивӣ ба ду консепти зидмаъно “**бойигарӣ**” ва **“қашшоқӣ”** ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар муқаддимаи автореферат роҷеъ ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, ҳадаф ва усулҳои таҳқиқ, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Боби якум “**Асосҳои назариявии таҳқиқи консептҳо**” ном гирифта, ҷанбаи лингвофарҳангии робитаи забон ва фарҳанг, роҳҳои дифференсиалии муайян кардани консепт, моҳияти тасвири олам, ташаккул ва инкишофи забоншиносии когнитивии муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм “Консептҳои **“бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”** дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” унвон дошта, шакли дохилии консептҳо, андозаҳои дериватсионӣ ва парадигматикии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ”, динамикаи консептҳои омӯхташуда дар

забони тоҷикии асри XXI, сохторҳои когнитивие, ки ин консептҳо аз онҳо сарчашма мегиранд, таҳқиқ гардидаанд.

**“Фразеологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” боби сеюми тадқиқот буда, мувофиқати номҳои консептҳо дар ҷанбаи лингвофарҳангӣ, идиомаҳо ҳамчун соҳибони консептҳои таҳқиқшаванда, паремиологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ , сохторҳои когнитивие, ки аз онҳо консептҳои фразеологияшуда асос мегиранд, зери таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Унвонҷӯ дар интиҳои кор аз таҳқиқи анҷомпазируфта хулосаҳои муҳими баровардаашро мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Фишурдаи кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар анҷоми матни автореферат оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври мухтасар инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои таҳқиқот тавассути рақамгузорӣ мушаххасан нишон дода шаванд.

2. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар ҷараёни далелорӣ на ҳамеша таносуб риоя гардидааст.

Дар умум, эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии автореферaтро намекоҳонанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррас буда, диссертант дар саросари диссертатсия барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқи худ ба ҷанбаи консептҳои **“бойигарӣ” ва “қашшоқӣ**” диққат дода, ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Автореферати рисола бо забони фасеҳи илмӣ ба тавсиб расида, моҳияти мантиқии илмии мавзӯъро дар худ таҷассум мекунад ва кори баанҷомрасида маҳсуб меёбад.

Мақолаҳои интишорнамудаи Холматова Хуршеда муҳтавои таҳқиқоти мазкурро пурра инъикос мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна таҳти унвони " **Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ"** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016-ум, таҳти №505-ум тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

**Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони**
**кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Давлятова Ч.А.**

**Сана: 27.11.2023**
**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17,**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон**
**E-mail: Chinoroy1971@gmail.com**
**Тел.: 992 92 715 30 20**

**Имзои номзади илмҳои филологӣ Давлятова Чинорой Абдуллоевнаро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС